**«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»**

Ректори Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” доктори илмҳои таърих, профессор

_____________Усмонзода А.И.

28.09.2024с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ).**

Диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Қурбонзода Нигина Қурбон дар давраи омодагӣ ба таълифи рисола ба сифати муаллимаи кафедраи Системаи бисёршабакавии телекоммуникатсионии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият бурдааст.

Соли 2012 факултети телекоммуникатсия ва технологияҳои иттилоотии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»-ро бо ихтисоси Системаи бисёршабакавии телекоммуникатсионӣ хатм намудааст.

Мавзуи рисолаи Қурбонзода Нигина Қурбон таҳти унвони «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шурои олимони МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (қарори № 8 аз 31 марти соли 2020) тасдиқ шудааст.



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ба Қурбонзода Нигина Қурбон аз ҷониби Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» соли 2023 дода шудааст.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯй доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шаропов Шавкат Аҳмадович таъйин шудааст.

**Аз натиҷаи муҳокимаи рисола чунин қарор қабул карда шуд:**

Мавзуи мазкур ба яке аз самтҳои афзалиятноки омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити имрӯзаи рушди низоми маорифи мамлакат нигаронида шудааст.

Борҳо собит гардидааст, ки сатҳи дараҷаи омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ ба пуррагӣ аз фаъолияти пурсамари макотиби олӣ вобаста аст. Касби омӯзгорӣ аз муаллим такмили ҳамешагии донишҳо, маҳорату малакаи амалии ӯро тақозо мекунад.

Имрӯз ҷомеа на танҳо мутахассисони сатҳи ихтисосашон баланд, бомаърифат, бофарҳанг, балки одамонеро дархост менамояд, ки масъулияти баланд, ташаббус нишон медиҳанд, барои ифодаи нуқтаи назари худ, асоснок кардани он, дарёфтани ҳалли беҳтарини муаммоҳои гуногун қобиланд, соҳиби малакаҳои муоширати таҳаммулпазирона мебошанд. Ҳамчунин, рушди босуръати технологияҳо пеши таҳсилот вазифаҳои наверо мегузорад, ки бознигарии мундариҷаи таҳсилот, шаклу методҳо, воситаҳои таълимро тақозо мекунанд.

Мубрамияти мавзуи рисола дар аввалиндараҷа будани муаммои омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ ба шумор меравад. Ин муаммо дар назди олимон ва муассисаҳои таълимӣ вазифаи бознигарии роҳҳои ташаккул додани маҳорату малакаҳои касбии омӯзгоронро дар ҷомеаи зудтағйирёбанда мегузорад. Салоҳияти касбии омӯзгорон рӯз аз рӯз ба марҳилаҳои наву бисёрҷабҳа дучор омада истодааст.

Мавзуи таҳқиқоти илмии Қурбонзода Нигина Қурбон як қисмати муҳимми нақшаи илмӣ-тадқиқотии кафедраи педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» буда, дар Шурои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Кори диссертатсионии Қурбонзода Нигина Қурбон мустақилона, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили амиқи асарҳои фалсафӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва инчунин таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҷамъбасти таҷрибаи педагогии макотиби олӣ таҳия гардидааст.

Омили муҳиме, ки мубрамии муаммои баррасишавандаро таъйин мекунад, зарурати таҳлили илмии тамоюлҳои таҳсилоти муосир аст, ки бо истифодаи воситаҳои интерактивии таълим алоқаманданд. Таҳлили муфассали дарки равандҳои имрӯза дар ин самт зарурати дидгоҳи ретроспективиро ба миён



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

меорад. Гузариши низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ ба марҳалаи нави такмили раванди таҳсилот ҷустуҷӯи амсилаҳои нави фаъолияти педагогиро тақозо мекунад, ки сатҳи сифатан нави тарбия ва таълими насли ҷавонро дар шароити технологияҳои иттилоотию иртиботӣ (коммуникативӣ) таъмин карда метавонанд.

Дар диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон асосҳои методологӣ ва назарии муаммои таҳқиқот муайян карда шудаанд; амсилаи педагогии ташаккули муносибати ангезандагӣ ба таълими интерактивӣ, ғояҳои таълимии файласуфон, «Стандарти давлатии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Консепсияи мактаби миллӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф", «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои расмӣ, нақша, барнома ва дастурҳои таълимӣ асоснок карда шудааст.

Нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодгардида ба ягонагии принсипҳои методологӣ ва педагогии таҳқиқот асос меёбанд.

Таҳқиқоти ҳамаҷониба, ки аз пажуҳишгар муайян намудани хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории низоми педагогиро тақозо менамояд, ба муаллифи рисола имкон додааст, ки фарзияи пешниҳодшударо бо эҳтимолияти қавӣ тасдиқ намуда, нуктаҳои асосии рисола, натиҷаҳои таҳқиқотро ба тарзи илмӣ асоснок кунад.

Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодгардида бо консепсияи илмии педагогӣ, усулҳои назарӣ ва эмпирии таҳқиқот, инчунин таҳлили шартҳо ва натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ, тасдиқи нуктаҳои дар фарзияи тадқиқот пешниҳод гардида, истифодаи усулҳои таҳқиқоти илмии ба вазифаҳои марҳалаҳои асосии тадқиқот мутобиқ ва таҷрибаи амалии муаллиф таъмин гардидааст.

**Навоварии илмии таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- мафҳуми «воситаҳои интерактивии таълим» ҳамчун воситаи фаъолияти касбии омӯзгори информатика барои фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ - маърифатии хонандагон дақиқ гардидааст;

- моҳияти омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим ҳамчун сифати арзишманди салоҳиятнокии касбӣ муайян шудааст;

- амсилаи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим тарҳрезӣ гардидааст (сохтор, сатҳҳо, марҳалаҳои ташаккули омодагӣ);

- технологияи омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим коркард шудааст;



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

- имконияту меъёрҳои педагогӣ муайян гардидаанд, ки ба самаранокии омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи воситаҳои интерактивии таълим мусоидат мекунанд.

*Аҳаммияти назариявии таҳқиқот* аз он иборат аст, ки хулосаҳои ифодашуда ба рушди назарияву методикаи муосири таълиму тарбия (информатика, сатҳи таҳсилоти олии касбӣ) аз ҳисоби асоснок кардани сохтори омодагии омӯзгори ояндаи информатика ба истифодаи ВИТ, марҳалаҳои ташаккули он; муайянкунии ҷузъҳои мақсаднок, мундариҷавӣ ва протсессуалии технологияи омодагии зикршуда саҳм мегузоранд.

Муқаррароти таҳқиқот барои ҷустуҷӯҳои илмии минбаъда дар соҳаи баланд бардоштани сифати омодагии касбии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ва омӯзгорони информатика, ҳамчунин фанҳои дигар дар самти дарёфти методҳо, воситаҳои таълим ҳамчун асоси назариявӣ хизмат карда метавонанд.

*Аҳаммияти амалии таҳқиқот* дар он аст, ки маълумоти дар таҳқиқот ҳосилшуда, инчунин комплексҳои таълимӣ-методӣ оид ба амалисозии омодагии омӯзгори ояндаи информатика барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим метавонанд дар донишгоҳҳои педагогӣ, институтҳои такмили ихтисос барои фаъолияти самаранок ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи маҳорати касбии омӯзгорони информатика истифода шаванд, амсила, технологияи педагогии коркардшуда ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки роҳбарии педагогии раванди мазкурро омӯзгорон метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ корбаст намоянд.

*Саҳми шахсии Қурбонзода Нигина Қурбон дар таҳқиқи мавзуи мазкур дар* иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯӣ ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзуи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) мутобиқ аст.

Тавсияҳои илмии дар рисола пешниҳодгардида метавонанд ба омӯзгорони макотиби олӣ барои такмили мазмун ва мундариҷаи омодагии касбии омӯзгорони оянда барои истифодаи воситаҳои интерактивии таълим кумаки амалӣ расонанд.

Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии рисола дар семинарҳои илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумӣ, конференсияҳои



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

анъанавии ҳамасолаи устодони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар конференсияҳои илмӣ-назарии ҷумҳуриявию вилоятӣ ироа гардидаанд.

Дар умум, муаллиф ҳадафҳои гузошташудаи таҳқиқотро пурра ҳал намудааст, хулосаҳо тибқи вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқот асоснoканд, мундариҷаи рисола мутобиқи назари мантиқӣ шакл гирифтаанд ва муаллиф соҳиби қобилияти хуби илмофарӣ мебошад.

Натиҷаҳои илмии рисола барои рушди назария ва амалияи илми педагогика саҳмгузор аст.

Мазмуну муҳтавои автореферат бо фишурдаҳои он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ дар автореферат интишор гардидаанд, мувофиқати комил бо мундариҷаи рисола дошта, моҳияти корро якҷоя бо интишороти муаллиф, ки дар маҷмуъ фарогири 13 ададанд, пурра инъикос мекунанд, ки 4 адади он дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда шудаанд, ба чоп расидаанд.

***1. Мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.***

[1-М]. **Бободжонова Н.Қ.** Интерактивные средства обучения как фактор активизации познавательной деятельности учащейся молодежи [Текст] / Н. К. Бободжонова // Вестник Института развития образования. – 2021. – №4(36). – С. 116–121. – ISSN 2617-5320

[2-М]. **Бобоҷонова Н.Қ.** Хусусиятҳои ташкили таълими интерактивӣ дар раванди таълими муосир [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // «Номаи донишгоҳ» –и МДТ - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2022. – №. 3(72). – С. 154-159. – ISSN 2077-4990

[3-М]. **Бобоҷонова Н.Қ.** Истифодаи методҳои интерактивии таълим дар системаи таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 2024. – №6 – С. 254-261 – ISSN 2074-1847

[4-М]. **Бобоҷонова Н.Қ.** Усулҳои интерактивии таълим–сарчашмаи асосии раванди маърифатӣ [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // «Номаи донишгоҳ» –и МДТ - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2024. – №2 (79). С. – 123-128 ISSN 2077–4990

***2. Мақолаҳое,ки дар нашрияҳои дигар ба чоп расидаанд:***

[5-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.,** Саторов А.Х. Таҳсилоти фосилавӣ дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова, А.Х. Саторов // маводи он-онлайн конференсияи байналмилалӣ дар мавзӯи “Масоили мубрами фанҳои иҷтимоӣ, гуманитарӣ ва дақиқ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва фарогирии Covid-19” – 2020. – С. 299-302.

[6-М]. **Абдулла-заде, М.Х.,** Бобоҷонова, Н. Қ., Шукуров А.А. Тавсифи намудҳои системаҳои инноватсионии дидактикӣ [Матн] / М.Х. Абдулла-заде, Н. Қ. Бобоҷонова, А.А. Шукуров // Паёми донишгоҳи Хоруғ – 2020. – С. 107-113 ISSN 2664-5696

[7-М]. **Бабаджанова, Н. К.,** Усмонов Х.Х. Интерактивные средства обучения как фактор совершенствования образовательного процесса[Матн] / Н. К.



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

Бабаджанова, Х.Х. Усмонов // маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии – технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он да рушди иқтисодиёти рақамӣ. Хуҷанд. – 2023. – С. 67-69

[8-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.** Истифодаи усулҳо ва технологияҳои интерактивӣ дар таълими фосилавӣ [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // Маводи онлайн видиоконференсияи илмию амалии байналхалқи дар мавзуи “Нақшаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар таъмини рушди устворӣ минтақа дар ҳошияи саноатикунонии босуръати кишвар”. Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ, ш. Кӯлоб. 13.11.2020с.

[9-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.,** Алиева Г.Х., Алимухамедова Н.Т. Технологияи таълими интерактивӣ ва нақши он дар самаранокии раванди таҳсилот [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова, Г.Х. Алиева, Н.Т. Алимухамедова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои мубрами илмҳои табиӣ, дақиқ, риёзӣ ва техникӣ дар рушди саноати кишвар” – 2022. – С. 202-207.

[10-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.** Интерактивные средство обучение как фактор совершенствования образовательного процесса [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // Маводҳои конфиренсияи ҷумҳуриявии илмӣ–амалии “Технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он дар рушди иқтисоди рақамӣ” бахшида ба 30–солагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Хуҷанд. – 2024. – С. 91-96.

[11-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.** Методика обучения физики как педагогическая наука, её содержание и задачи [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии – технологияҳои иттилоотӣ ва нақши он да рушди иқтисодиёти рақамӣ. Хуҷанд. – 2023. – С. 70-74

[12-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.** Усулҳои интерактивии таълим ва аҳаммияти онҳо дар даврони муосир [Матн] / Н. Қ. Бобоҷонова // Сборник статей по материалам CLXI международной научно–практической конференции. Интернаука internauka. org Инновационные подходы в современной науке. – 2024. – С. 91-96. ISSN 2587-8603

[13-М]. **Бобоҷонова, Н. Қ.** Теоретический аспект понятия «интерактивная средства обучения» для определения сущности и характерных особенностей [Текст] / Н. Қ. Бобоҷонова // материалам Международной научно–практической конференции г. Белгород: Новые горизонты науки: стратегии и направления развития. Сборник научных трудов – 2024. – С. 64-67. ISBN 978-1-2278-6758-4

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

Кори диссертатсионии Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) рисолаи ба анҷом расидаи тахассусӣ буда, дар сатҳи зарурии илмӣ - назариявӣ омода шудааст ва ба талаботу меъёрҳои Низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ мебошад.

Кори диссертатсионии Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар шароити



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru

макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 - назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-078 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур аз тарафи номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Пӯлотов И.М. тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” муҳокима ва қабул шудааст.

Дар ҷаласа 35 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 35 нафар, “муқобил” – нест, “бетараф” – нест. Қарор бо як овоз қабул шуд. (суратҷаласаи №2 аз 28 – уми сентябри соли 2024).

Мудири кафедраи кафедраи
Умумидонишгоҳии педагогикаи
умумии Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Кучибоев Шӯҳратҷон Икромбоевич

Ташхисгар, номзади илмҳои
педагогӣ, дотсент Пӯлотов Исмоил Мамадович

Котиб: н.и.п. дотсент Мавлонова Раҳима Мустафоевна

**Маълумот барои тамос:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков-1.тел.(+992)927782640. вебсайт: www.hgu.tj
почтаи электронӣ: kuchiboev1975@mail.ru

*Имзоҳои Ш.И. Кучибоев, И.М. Пӯлотов ва Р.М. Мавлонова-ро тасдиқ мекунам.*

*Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик*
*Бобоҷон Ғафуров»* *Сайдуллозода З.С.*



ScanPapyrus: scan docs or books to PDF. www.scanpdf.ru